**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Боиси хушнудист, ки имрӯз муҳаққиқони ҷавон ба таҳқиқи масъалаҳои мубрами таърихи фалсафаи тоҷик бо шавқу завқи ҷавонӣ пардохтаанд. Аз ҷумлаи чунин масъалаҳои ҷолиб-назари муҳаққиқона намудан ба қисми назарраси таърихи фалсафашиносӣ ва шарқшиносии Аврупо мебошад, ки аз асри XVIII то имрӯз барои омӯзишу шинохти афкори ақлонии мардумони шарқи исломӣ корҳои арзандаву гаронбаҳо анҷом додаанд. Онҳо холо ҷузъи гаронбаҳои фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонро ташкил карда барои наздикшавии фикриву фарҳангии мардумони олам хизмат менамоянд.

Таълифоти олими барҷастаи франсавӣ Анри Корбен ба пажуҳиши давра ба давраи афкор ва фарҳанги тоҷик бахшида шудааст. Диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович тахти унвони “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа аз он ҷумлаи кӯшиши дарки мавқеъ ва мароми таҳқиқии ин олими шинохта ба шумор меравад.

Аз таҳқиқоти Иброҳимов Фурқатҷон Муродович “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” бармеояд, ки ӯ нисбат ба мақом ва манзалати чеҳраҳои шинохтаи илму фарҳанги тоҷик назари хосаи худро доштааст. Маслан, А.Корбен “Фалсафаи иҷтимоӣ”-и Форобиро бо таълимоти имомати шиъа умумӣ медонад, ҳамчунин ӯро муфассири осори Арасту қаламдод намудааст. Ӯ Форобиро ҳамчун сӯфӣ қаламдод намудааст, ки ин аз пайравии вай ба афкори устодонаш Э.Жилсон ва Л.Массинон шаҳодат медиҳад.

Дар хулосаҳои асосии диссертатсия сухан дар мавриди он меравад, ки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии А.Корбен ба омӯзиш ва таҳқиқи фалсафаи исмоилия бахшида шудааст. Олими франсавӣ дар аксари асарҳояш ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла масъалаҳои шиъаи исноашарӣ паёмбаршиносӣ, имомшиносӣ, назарияи маърифат дар исмоилия, исмоилияи ибтидоӣ, исмоилияи фотимӣ, диалектикаи тавҳид ва ғайраро баррасӣ намудааст.

Инчунин А.Корбен ба таълимоти минбаъдаи фалсафии исломӣ дар шакли ишроқияи Шиҳобуддини Суҳравардӣ таваҷҷуҳи хоса намуда чунин шарҳ медиҳад, ки таълимоти Шайхи ишроқ зери таъсири афкори фалсафию

динии Афлотуну Ибни Сино, ҳамчунин таълимоти Форси Қадим ба вуҷуд омадааст. А.Корбен таъсири афкор ва малакшиносии Зартуштро низ ошкор намудааст.

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳои кори диссертатсионии мазкур баъзе хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад. Вале хатогиҳои зикрёфта арзиши кори диссертатсиониро коста намекунад.

Натиҷаи ташхиси матни автореферати диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи "Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен" собит намуд, ки диссертатсия дорои арзиши баланди илмӣ аст. Ҳамчунин мазмуни автореферат ва мақолаҳои дар ин самт таълиф намудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд ва ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин муаллифи диссертатсияро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа меҳисобам.

Доктори илмҳои фалсафа,
профессор, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии фалсафаи
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров Атоев А.М.

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессор Атоев А.М.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Ашрапова З.Н.